## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ**

### Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ

Диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ мувофиқ мебошад. Аз ҷумла: 12.1. Назарияи амнияти иқтисодӣ (категория, методология, усулҳо, механизмҳо ва афзорҳо); 12.5. Арзишҳои ҳадди ниҳоии амнияти иқтисодӣ ва усулҳои муайян кардани онҳо. 12.6. Самтҳои консептуалӣ ва стратегии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ, меъёрҳои амнияти иқтисодӣ; 12.16. Сиёсати сохторӣ ва амнияти иқтисодӣ (методология, методҳо, механизмҳо ва абзорҳо); 12.21. Рушди методологияи таҳияи доктринаи амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳида (озуқа, энергетика, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғ); 12.22. Методологияи мониторинги омилҳое, ки ба амнияти иқтисодӣ таҳдид менамоянд; 12.24. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методологӣ ва методии таъмини амнияти иқтисодӣ; 12.27. Амсилаҳои рушди амнияти иқтисодии давлат, ҷомеа ва минтақа

### Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Дар шароити муосир ҳалли масъалаҳои таъмини истиқлол ва амнияти озуқавории ҳар кишвар – вазифаи муҳимтарин мебошад, ки ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Ин ба қудрат ва тавони давлат дар истифодаи захираҳои дохилӣ ва иқтидори агроиқтисодии кишвар барои истеҳсол ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ вобаста аст, ки гарави таъмини истиқлоли озуқавории иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Фаъолияти муҳимтарини татбиқи сиёсати давлатӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ин ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки самаранокии механизми танзим дар таъмини аҳолӣ бо воридоти пай дар пайи маводи озуқа ба миқдори кофӣ, пешгирӣ намудани буҳрони озуқаворӣ асосан аз ҳисоби истеҳсоли ватании маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ аҳаммияти мақсадноки

стратегӣ дорад, зеро аз татбиқи ҳадафҳои гузошташуда на танҳо амнияти озуқаворӣ, балки амнияти миллӣ низ вобаста аст.

Дар замони имрӯза бозори маҳсулоти озуқаворӣ дорои зарурати зиёду муҳимми иқтисодию иҷтимоӣ дар заминаи иқтисодиёти миллӣ ва ҳамчунин сатҳи минтақавиро доро мебошад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаю вазифаи афзалиятноку муҳим, ки он бояд дар навбати аввал дар сатҳи зарурӣ коркард ва ҳаллу фасл карда шавад, ин ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа мебошад. Баррасӣ ва таҳқиқу омӯзиши минтақавии бозори озуқаворӣ вобаста ба инобат гирифтани нисбатан истифодаи оқилонаву самараноки иқтидори табиии захираҳо барои мусоидату таъмини ҷумҳурӣ бо маҳсулоти озуқавории худӣ аҳаммияти муҳими илмию амалӣ касб менамояд. Дар баробари таъмини фаъолияти самаранок ва устувори рушди бозори маҳсулоти растанипарварӣ тақвияти иқтидори содиротии мамлакат ва таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ самти муҳим ба ҳисоб мераванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш (28.12.2023) вобаста ба масъалаи мазкур қайд намуданд, ки «Вобаста ба таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳони муосир бавуҷудомада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он – хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида истодааст. Дар баробари ин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар ва ғанигардонии бозори дохилии озуқаворӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем».

Рушди бозори озуқавории кишвар бо як қатор омилҳо, аз қабили номукаммалии муносибатҳои ташкилию иқтисодии субъектҳои бозори озуқаворӣ, таҷҳизоти пасти техникии марҳилаҳои истеҳсол ва коркард, низоми нокифояи фурӯш ва тақсимоти молҳои озуқаворӣ, дараҷаи пасти рушди таъминоти инфрасохтории бозори озуқаворӣ, низоми номукаммали танзими бозори озуқаворӣ боздошта мешавад. Мушкилоти мавҷудаи вазъи кунунии бозори озуқаворӣ ҷустуҷӯйи механизмҳои мукаммалгардонии ташкилию иқтисодиро талаб мекунанд, ки метавонанд рушди мувозинати онро таъмин кунанд. Зарурати

ташкили низоми самараноки таъминоти озуқаворӣ аз он вобаста аст, ки дар бозори озуқаворӣ ҳалли мушкилоти таъмини озуқаворӣ на танҳо зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли онро, балки рушди низоми таъминоти инфрасохториро низ талаб мекунад, ки асоси он бояд ҳамкории самараноки субъектҳои бозори мазкур бошад.

Омӯзиши нокифояи асосҳои алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дар робита ба вазъи кунунии фаъолияти бозори озуқаворӣ ва механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти озуқавории кишвар аз рузмаррагии мавзу шаҳодат медиҳад..

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ дар ташаккул, ташкили таъмини озуқаворӣ ва таҷриба дар танзими давлатии бозори озуқаворӣ дар мисоли як қатор кишварҳо, ки ба ҳалли амнияти озуқаворӣ равона карда шудаанд, дар гузаронидани таҳлил ва арзёбии ташаккул ва рушди бозори озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгониҳои илмии натиҷаи таҳқиқот пеш аз ҳама ба равишҳои системавии диссертатсияи Ализода О.М. вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ки барои ҳали мушкилоти дастрасии ҳаҷмию иқтисодии озуқа ва мунтазам фаъолият намудани бозори агроозуқаворӣ равона шудааст. Муаллифи диссертатсия барои асоснок кардани пешниҳодҳои худ аз базаи васеи иттилоотии таҳқиқотӣ истифода бурда, роҳҳои муосири рушди инноватсионии соҳаи кишоварзиро нишон дода, равиши муосири методологӣ ва байнисоҳавиро мавриди корбурд қарор додааст, ки ин имкон медиҳад, то ки дар бораи сатҳи баланди навигарии илмии таҳқиқоти илмӣ сухан ронем. Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлилу баррасиҳо 10 навгонии илмӣ пешниҳод карда шудааст, ки дар байни он натиҷаҳои назаррасе, ки Ализода О.М. дар доираи тадқиқот ба даст оварда шудааст, инҳо дохил мешаванд:

амнияти озуқаворӣ ҳамчун истиқлолияти низоми озуқавории миллӣ, ки дар таъмини он давлат нақши аввалиндараҷа бозида, ҳамчун муайянкунандаи мавҷудияти бехатарии ҷомеа ва тарроҳи асосии амнияти иқтисодии ҳар як кишвар мебошад, тафсири муаллифӣ дода шудааст;

методологияи баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таҳия гардида, принсипҳо ва нишондиҳандаҳои методологии муайянсозии сатҳи амнияти озуқаворӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва

индикаторҳои баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатии агросаноатӣ ба низом дароварда шудаанд;

муқаррароти методӣ оид ба арзёбии сатҳи захираҳои таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия шуда, бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми миқдории захираҳои буферӣ дар давраи муайян баҳодиҳӣ карда шудааст;

имкониятҳои иқтидори низоми кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсол, таъминоти техникӣ ва ҳолати базаи захиравии маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шудаанд;

самтҳои имконпазири таъмини амнияти озуқаворӣ бо дарназардошти рушди низоми дастгирии давлатӣ, танзими тарофавӣ-гумрукӣ, ташаккули низоми идоракунии сифати маҳсулот, инчунин тавсеаи механизмҳои дастгирии молиявӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионии истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда шудаанд;

бо назардошти афзалияти истеҳсолоти воридотивазкунанда афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқавории ватанӣ, кам кардани хавфи воридоти беназорат, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин васеъ намудани ҷузъҳои инфрасохтор нишон дода шудааст;

зарурати рушди заминаи истеҳсолӣ, захиравӣ, инфрасохтории таъмини амнияти озуқаворӣ ва низоми мониторинги вазъи амнияти озуқаворӣ асоснок карда шудааст;

бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурият ва принсипҳои ҷорӣ намудани кишоварзии барқароршаванда ва айвонӣ ҳамчун самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Худи тадқиқоти диссертатсия мувофиқ ва мантиқӣ ба назар мерасад ва мазмуни он ба ҳадафҳои зикршуда мувофиқат мекунад. Саҳми илмии муаллифи диссертатсия дар такмили механизми таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Дурустӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ дар нуктаҳои зерин инъикос мегардад: таҳлили ҳамаҷонибаи таҳаввулоти илмии муосир оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти озуқаворӣ, инчунин давомнокии таҳқиқоти асосии муқаррарнамудаи муаллиф, силсилаи маводи нашрнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва баромадҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ.

Махзани маълумотии таҳқиқот ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи кори диссертатсионӣ мувофиқат менамояд. Он дар худ маълумоти омории самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ва аз корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ ва маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳамзамон, маълумот аз манбаъҳои хориҷӣ ва маводҳои нашрнамудаи СММ, ҳисоботҳои солонаи ФАО, махзани базаи маълумоти реферативии *Scopus* ва дигар сарчашмаҳои маълумотӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи амалиявии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватаниву хориҷиро дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Муқаррароти назариявию методологӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот коркард шудаанд. Унсурҳои навоварии илмии диссертатсия ба таври мантиқӣ роҳҳои расидан ба ҳадафи таҳқиқоти илмиро ифода мекунанд.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усулҳои баҳодиҳии диалектикӣ-мантиқӣ, монографӣ, муқоисавӣ, математикӣ ва математикӣ-иқтисодӣ, статистикӣ, индуксия, дедуксия, моделсозӣ, анализ, синтез ва ғайра истифода шудааст. Муаллиф дар диссертатсия аз адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот моҳирона истифода карда, мустақилона натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии худро дар раванди натиҷабардорӣ коркард ва таҳлил намуда тавонистааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, 15 зербоб, хулоса ва 431 адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 369 саҳифа чопи компютерӣ таҳия гардида аст, ки дорои 59 ҷадвал ва 41 расм мебошад.

**Тавсифи умумии таҳқиқоти кори диссертатсионӣ**

Дар муқаддима мубрамии муҳимияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, объект ва мавзуъ, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии кори илмӣ мухтасар инъикос ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «**Асосҳои назариявии аъмини амнияти озуқаворӣ**» номгузорӣ шудааст, чанбаҳои назариявии амнияти озуқаворӣ, принсипҳои асосӣ ва заминаҳои амнияти озуқаворӣ дар

низоми амнияти миллӣ, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери омузиш қарор дода шудааст.

Сараввал муаллиф дуруст қайд менамояд, ки "Таъмини амнияти озуқавории ҳар як кишвар вазифаи муҳимтарини давлат мансуб ёфта, онро тавассути пешгирии таҳдидҳои дохилидавлатӣ ва берунӣ ҳалу фасл мекунад. Дар адабиёти ватанӣ, хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ шарҳи гуногуни хавфҳо ба таъмини амнияти озуқавории давлат таҳдидкунада дода шудааст. Ҳама таҳдидҳоро ба амнияти озуқавории кишвар ба панҷ гурӯҳи асосии омилҳо тақсим кардан мумкин аст: якум коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли мутлақи маҳсулоти кишоварзӣ ва ба ҳар сари аҳолӣ, дуюм дастрасии иқтисодӣ надоштани аксари аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, сеюм сифати пасти маҳсулоти озуқаворӣ, чаҳорум вобастагии зиёд аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ва панҷум ноустувории сиёсӣ-иқтисодӣ дар кишвар. Вазифаи давлат кам кардани ин таҳдидҳо мебошад. Ҳукумат барои ҳар яке аз ин гурӯҳи таҳдидҳо, бояд чораҳои зиддибуҳронӣ дошта бошад, ки метавонад барои беҳтар кардани вазъи озуқавории кишвар истифода барад" (саҳ. 22).

Диссертант фикру мулоҳизаҳои олимони зиёди хориҷию ватаниро оид ба мафҳуми амнияти озуқаворӣ зери омузиш қарор дода, онҳоро ба тариқи ҷадвал гуруҳбандӣ намудааст(саҳ. 25-26; 28-31 ва 33-35), ки ҷолиби диққаит мебошанд.

Муаллиф амнияти озуқавориро дар низоми амнияти миллӣ зери таҳқиқ қарор дода, дуруст қайд менамояд, ки "таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо безарар гардонидани хавфҳои ба сатҳи он таъсир расонанда, балки хавфҳои дар оянда пайдошавандаро, ки метавонанд боиси коҳиш ёфтани дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқавории аввалиндараҷа, кам шудани истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ-озуқаворӣ, ба амнияти миллӣ таъсир расонад" (саҳ. 47).

Дар кори диссертатсионӣ таҷрибаи кишварҳои Ҷопон, Шветсария, Норвегия, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин ва дигарон зери таҳқиқ карор дода шуда, хулосаю пешниҳодҳо оид ба истифодабарии таҷрибаи онҳо таҳия гаштааст (саҳ 57-88).

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ, **«Ҷанбаҳои методологии арзёбии сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ»**, таҳлили асосҳои методологии арзёбии амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибатҳо доир ба ченкунӣ ва интихоби нишондиҳандаҳои амнияти озуқаворӣ дар доираи сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ, муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ

ва ҷанбаҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ зерни таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф нишондиҳандаҳои таъмини амнияти озуқавориро ба чунин қисмҳо ҷудо намудааст: -сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба ҳар сари ахолии кишвар; - сатҳи истеъмоли озуқаворӣи аввалиндараҷа ба ҳар сари ахолии кишвар; -арзиши нерӯии вояи ғизои аҳолӣ; -истеъмоли озуқаворӣ аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ; -ҳиссаи воридоти маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар тавозуни захираи намуди асосии озуқаворӣи давлат; -ҳаҷми захираҳои стратегӣ ва амалии озуқаворӣ дар муқоиса бо талаботҳои меъёрӣ; -нархҳои навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣва таҳдидҳо, хавфҳо ва механизмҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ, ки аз ҷиҳатьи методологӣ диққатҷалбкунанда ҳисобида мешавад (саҳ. 94).

Дигар чанбаи навгонии методологии муаллиф аз он иборат аст, ки ӯ қайд менамояд “Пас аз омӯзиши ақидаҳои олимон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амнияти озуқаворӣ аз худтаъминкунии озуқаворӣ вобастагии бештар дорад. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи мо ғайр аз худтаъминкунии озуқаворӣ ва воридоти он боз сатҳи пардохтпазирии аҳолӣ низ нақши муҳим мебозад, ки таъмини амнияти озуқавориро чунин муайян кардан мумкин аст: - худтаъминкунии озуқаворӣ – 85%; - воридоти озуқаворӣ аз берун на бештар аз 15%; - сатҳи пардохтпазирии аҳолӣ – хароҷот барои истеъмоли озуқаворӣ на бештар аз 10% даромад; - таъмини захиравӣ на кам аз 16-17%.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба ғайр аз ин нишондиҳандаҳо, дигар ҳаддӣ хавфнок ба монанди маҳаки воридоти хатарнок истифода мешавад, ки ҳадди ниҳоии он ба 0,3 баробар мебошад. Ин нишондиҳанда тавсифкунандаи ҳиссаи хавфноки воридотро дар бозори дохилии озуқаворӣ тавсиф медиҳад”(саҳ. 96).

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки методологияи арзёбии кардани сатҳи таъмини амнияти озуқавори дар ҳар як мамлакат хос аз ҷойгиршавии географӣ-кадастрӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ, расму оин ва ғайра вобаста мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат барои муайян кардани сатҳи амнияти озуқаворӣи мамлакат нишондиҳанда ва индикаторҳои хоси ҳар як кишвар ва ё минтақаи муайя коркард карда мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳар як кишвар равиши хоси муайянкунии сатҳи амнияти озуқавории худро дорад, ки дар маҷмӯъ сатҳи амнияти миллиро пурра мегардона. Зеро амнияти озуқаворӣ яке аз қисми муҳими низоми амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад (саҳ. 116).

Дар кори диссертатсионӣ дуруст хулосабарорӣ шудааст, ки сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ ин маҷмӯи чорабиниҳои ҷиҳати илмӣ ва дар асоси таҳлилу синтез асоснокшудаи стратегӣ мебошад, ки бо дастгирии давлатӣ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои фаъолият ва рушди самараноки бахши кишоварзӣ, бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар, анҷом дода мешаванд. Барои тасдиқи ақидаҳои дар боло зикр гардида моро зарур аст, ки сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ва мониторинги доимии сатҳи таъмини аҳолӣ бо озуқавориро анҷом диҳем (саҳ. 133).

"Пас омӯзиш ва таҳлили методӣ доир ба арзёбии сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати хурд бо иқтисодиёти начандон баланд мебошад ва наметавонад қудрати ҳамаи ҷаҳонро бо озуқа таъмин карданро надорад. Моро зарур аст, ки бештар тамоми роҳу усулҳоро баҳри таъмини амнияти озуқаворӣии худ коркард намоем. Истеҳсолоти дохилиро нигоҳ дорем, то ин ки аз бозори хориҷӣ камтар вобаста бошем. Захираҳои буфериро дар солҳои серҳосил бунёд кунем. Омузиш ва идоракунии хавфҳо баҳри пешгирии қаҳтӣ дар бозори озуқаворӣии дохилиро амалӣ намоем. Дастгирии истеҳсолкунандагони озуқаро ба роҳ монем. Сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва захираи давалтиро бештар кунем", дуруст қайд намудааст муаллифи кори диссертатсионӣ (саҳ. 145).

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ, «**Таҳлили ҳолати муосири таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**», таъмини рушди устувори соҳаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафолати таъмини амнияти озуқаворӣ, арзёбии таҳдидҳо ва хавфҳои асосӣ ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ ва дастрасии озуқаворӣ ва мушкилоти худтаъминкунии кишвар бо озуқа ва танзими воридоти маводи озуқаворӣ таҳлил ва баҳогузорӣ шудааст.

Пас аз таҳлили вазъи муосири КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар кори диссертатсионӣ хулосаҳои зерин бароварда шудааст. Дар рафти таҳқиқоти ҳолати муосир ва тамоюлҳои рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мо нишондиҳандаҳо ва ё ҷабҳаҳои зерини бахши кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд: шумораи ташкилот ва корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; замини кишти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; аҳолии машғул дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва саҳми кишоварзӣ дар он; ҳиссаи ҳама категорияҳои

хоҷагидорӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти кишоварзӣ; сохтори маҳсулоти растанипарварӣ ва истеҳсоли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳосилнокии зироатҳои растанипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ба замини кишт андохтани нуриҳои минералӣ ва пору; истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳиссаи ҳама категорияҳои хоҷаги дар маҷмӯи маҳсулоти чорводории Ҷумҳурии Тоҷикистон; миқдори мошин-олотҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 187).

Дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд гаштааст, ки барои рафъи таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ ҳамаи омилҳои дар боло зикршударо оқилона идора кардан лозим аст, инчунин таҳкими амнияти озуқаворӣ дар шароити пандемия ва ноустувории сиёсӣ дар ҷаҳон, вақте ки дастрасӣ ба ғизо рӯз аз рӯз мушкилтар мешавад, чораҳои зерин метавонанд амалӣ карда шаванд:

- кишоварзӣ дар шаҳр - як ташаббуси муосир аст, ки дар он сокинон дар қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, наздикии ҷои зист ё ҷойи кори худ маҳсулоти озуқаворӣ кишт мекунанд. Ин нақшаи устувор аст, зеро сокинони маҳаллӣ метавонанд маводи озуқаворвии рузмарраро тарру тоза ба даст оранд. Дар миёни радҳои боғ ва заминҳои бекор хобидаи назди ташкилоту муассисаҳо мувофиқи мавсим маҳсулоти тару тоза, аз қабили сабзавотҳои гуногун, картошка ва гандум парвариш карда мешавад;

- биотехнология ин интихоб ё тағир додани генетикии растаниҳо ва ҳайвонот барои ба даст овардани ҳосили баланд ва мутобиқсозии муайян мебошад. Омехтани ду намуди зироатро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо дорои хусусиятҳои муфид мебошанд. Масалан, барои зиёд кардани ширҷушӣ дар модаговҳои ширдеҳ усули селексиявӣ ба кор бурда шуд. Тағир додани генетики (ГМО) дар гандум барои тобовар будан ба гирифтори ҳаргуна касалиҳо, ҳосилнокӣ баланд ва буттаҳои баланди тобовар ба шамолу шуриш истифода мешаванд (саҳ. 201).

Дар асоси таҳлилҳо муаллифи кори диссертатсионӣ овардааст, ки сатҳи таъмини дастрасии воқеии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ қарор дорад, ки он имкон медиҳад, ки аҳолии минтақаҳо бо баъзе аз маҳсулоти истеҳсоли кишоварзӣ худашонро таъмин карда, инчунин робитаҳои тиҷоратиро (содиротро) бо дигар минтақаҳои кишвар ва мамлакатҳои хориҷӣ инкишоф диҳанд (саҳ. 219).

Боби чоруми кори диссертатсионӣ, «**Коркарди консепсияи (доктаринаи) таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити гузариш ба модели иқтисодии индустриалӣ-аграрӣ**» ба омузиш ваояндабинии

асосҳои заминавии доктринаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити иқтисоди инсдусриалӣ-аграрӣ, самтҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи дурнамои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мониторинги сатҳи таъмини аҳолӣ ва мукаммалгардонии ҷанбаҳои озуқаворӣи механизми дастгирии содирот ва мусоидат ба воридотивазкунӣ дар шароити Тоҷикистон бахшида шудааст.

Диссертант қайд намудааст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доктринаи (алоҳидаи) махсуси таъмини амнияти озуқаворӣ дар шакли мукаммал таҳия нагардидааст, гарчанде ҷузъиёти таркибӣ, мақсадҳои стратегӣ, самту масоили амнияти озуқаворӣи мамлакат дар шакли санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, консепсия ва барномаҳои соҳавӣ ба таври алоҳида таҳия гардидааст. Аз ин сабаб, ҷиҳати таҳияи докринаи амнияти озуқаворӣи мамлакат пеш аз ҳама таҳқиқ ва баррасии асосҳои консептуалии таҳияи низоми амнияти озуқаворӣ ва стратегияи рушди он дар шароити ноилгардидан ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ мубрам мебошад. Бахусус докринаи таъмини амнияти озуқаворӣ бояд ҳамоҳангкунандаи фаъолияти ҷузъҳои таркиби ба монанди-истиқлолияти озуқаворӣ, таъмини меъёрҳои воявии истеъмоли озуқа, фаровонӣ ва дастрасии кифояи озуқа барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла дарсатрсии иқтисодӣ, воқеӣ, таҳияи нишондиҳандаҳо ва интихоби индикаторҳои амнияти озуқаворӣ бошад (саҳ. 246-247).

Аз нигоҳи муаллиф «амнияти озуқаворӣи устувор» - ин низоми озуқаворӣи миллие, ки мавҷудият, дастрасӣ ва истеъмоли бехатар тибқи меъёрҳои физиологии тавсияшаванда дар ҳама табақаҳои аҳолӣ ва ба ҳама наслҳои минбаъда дар ояндаи дуру наздик таъмин менамояд, фаҳмида мешавад, ки ҷолиби диккат мебошад (саҳ. 258).

Дар кори диссертатсионӣ дуруст хулосабарорӣ шудааст, ки асосҳои консептуалии таҳияи докринаи амнияти озуқаворӣ ҳамчун ҳуҷҷати банақшагирии сратегии рушди устувори мамлакат, ки фарогири нигоҳҳои мушаххаси муҳаққиқону мутахассисон, мақсадҳои дақиқ, вазифаҳои мушаххас дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат буда, метавонад ба татбиқшавии ҳадафҳои олии мамлакат мусоидат намояд. Ҳамзамон дар баробари пуртаззод гардидани вазъи бозори озуқаворӣи ҷаҳонӣ, асосҳои консептуалии таҳияи “Докринаи амнияти озуқаворӣи Тоҷикистон” метавонад чандирии бозори озуқаворӣи мамлакатро таъмин намояд. Инчунин, дар робита бо консепсияи амнияти озуқаворӣ ва равишҳои методологии

таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ вобаста ба ҷойгиршавии географӣ, иқлим, захираҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, инчунин урфу одатҳои миллӣ имконияти таҳияи барномаҳои кутоҳмуҳлати соҳавӣ ва минтақавӣ таҳия карда шавад (саҳ. 260).

Дуруст қайд гаштааст, ки дар оянда дар самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ як қатор вазифаҳои нав бояд иҷро шаванд, махсусан: қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ғизоӣ ва хӯроквори аҳолии афзояндаи шаҳру деҳот бо тағйир ёфтани одатҳои истеъмоли ғизо (афзалият ба маҳсулоти бе ОГТ); афзоиши устувори истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳосилнокии меҳнат дар онҳо таъмин карда шавад; ҷорӣ кардани қарзҳои имтиёзнок дар соҳаи кишоварзӣ (бо фоизҳои пасттарин ва бе бюрократия); ташаккул додани устуворӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим (мутобиқ кардани зироатҳо ва чорво ба тағйирёбии иқлим); таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ (захираи буферӣ); тамдид ва аз нав таҳияи лоиҳаҳои азхудкунии заминҳои нави обӣ; тартиб додани консепеияи нави истифода ва азхудкунии минтақаҳои кухӣ ва баланд бардоштани нақши онҳо дар халли мушкилоти амнияти озуқаворӣ; роҳҳои баланд бардоштани ғизои хушсифат ва безарар пайдо кардан (саҳ. 276-277).

**Дар хулосаи** кори диссертатсионӣ самтҳои асосии дастовардҳои илмӣ, натиҷагирӣ, пешниҳодҳои асоснокшуда оварда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Ба асосноккунии илмии механизми таъмини амнияти озуқаворӣ асос ёфтааст. Пешниҳодҳои илман асоснокшуда дар самти истифодаи инноватсияҳо ва рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ, роҳҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ ба соҳа дар амалия татбиқи худро пайдо намуда, дар самти физикию иқтисодӣ дастрасии маҳсулоти кишоварзиро осон мегардонад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Ҷанбаҳои амалии диссертатсия барои арзёбии соҳаи кишоварзӣ дар самти мутобиқ намудани соҳаи кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим, арзёбии сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣ хизмат намуда, пешниҳоду хулосаҳо барои корхонаҳои кишоварзӣ, муассисаҳои давлатии соҳавӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таҳияи барномаҳои стратегӣ, арзёбии дурнамои фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ дастгирӣ хоҳад ёфт. Роҳандозии пешниҳодҳо барои беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ-молиявии корхонаҳои кишоварзӣ,

роҳандозии технологияҳои замонавӣ дар коркард ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба амнияти озуқаворӣ мусоидат хоҳад кард.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот.** Аҳамияти иқтисодии кори диссертатсионӣ дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ, гармшавии кураи замин, коҳиши маҷрои об, бад шудани ҳолати экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ташкили ҷойҳои нави кории доимӣ, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ, ташкили инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ мусоидат хоҳад намуд. Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада барои беҳтар гаштани сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ, инноватсиякунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва истеҳсолоти маҳсулоти басодиротнигаронидашуда ва воридотивазкунанда мусоидат хоҳад намуд.

**Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот.** Дастрасӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, баланд бардоштани даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ ва даромаднокии аҳолӣ, беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ аз аҳамияти иҷтимоии кори диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад. Аҳамияти дигари муҳими иҷтимоии кори таҳқиқотӣ дар поин бурдани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани маърифати истеъмоли ғизои солим зоҳир мегардад.

**Нашри натиҷаи кори диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мазмуну муҳтаво ва натиҷаҳои илмии бадастомадаи диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар шакли тезис ва мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва дар шакли монография нашр гардидааст. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти кори диссертатсионӣ 31 корҳои илмӣ дар ҳаҷми 45 ҷ.ч., аз он ҷумла, 3 монография бо ҳаҷми 29,6 ҷ.ч., 28 мақола бо ҳаҷми 15,4 ҷ.ч, ки аз онҳо 17 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи КОА назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи

мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

**Автореферати** диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дар бар гирифта, мутобиқ ба талаботи мавҷуда таҳия гардидааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Бояд қайд намуд, ки дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ ақидаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

-дар зербоби 1.1. диссертатсия назари олимони зиёд оид ба мафҳуми амнияти озуқаворӣ дарҷ гардидааст. Аммо ба андешаҳои академикони рус Алтухов А.И. ва Серова Е. В. оид ба мавзу кам ба чашм мерасанд. Ин олимоне мебошанд, ки аксарияти асарҳои онҳо ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудаанд ва баъзе аз мафҳумҳои ба мавзу таалуқдоштаро аввалин шуда ба адабиёти илмӣ ворид намудаанд. Инчунин ақидаи олимони кишварҳои ҳамсояи иқтисодиёташон ба мо хос низ камтар омухта шудааст;

-ҳангоми омузиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба мавзу муаллиф бештар ба кишварҳои тараққикарда такя намудааст. Хуб мешуд, агар роҳҳои бадастомадаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишварҳои рубатараққии аҳолияшон зудрушдёбанда зери омузиш қарор мегирифт, ки ин равандҳо ба ҷумҳурии мо хос аст;

-дар доираи омузиши ҷанбаҳои методологӣ, байналмиллалӣ, миллӣ ва минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ хуб мешуд, агар муаллиф меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулотҳои алоҳида, ки дар ҷумҳурии мо қабул гаштаанд, бо меъёрҳои байналмиллалӣ таносуб

медод ва зарурати ба маротиб кам кардани меъёри истеъмоли шир ва гуштро дар ҷумҳурии мо маънидод мекард;

-муаллиф оид ба қабули доктриҥаи амнияти озуқаворӣ дуруст қайд намудааст. Доктрина ин асос шуда метавонад барои таҳияи тамоми дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба амнияти озуқаворӣ. Хуб мешуд агар муаллиф хулосаҳои мушаххаси худро оид ба ин масъала пешниҳод менамуд, ки асоси қабули ин доктринаро дар ҷумҳурии мо мегузоштанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба таҳқиқот**

Камбудиҳо ва пешниҳодҳои гирифташуда ба сатҳи илмӣ ва сифати диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва хислати тавсиявӣ доранд. Вобаста ба ин қайд кардан мумкин аст, ки диссертатсияи доктории Ализода Олимҷон Маҳмуд дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки диссертатсияи мазкур дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ-методологӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд, ки ба ҳалли муаммоҳои ҷалби сармоягузорӣ ба рушди экологӣ-иқтисодии соҳаи кишварзӣ ва баланд бардоштани рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат мусоидат менамояд.

Автореферат, ки аз диссертатсионӣ бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, автореферат таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқарраротӣ назариявӣ-методологии моҳияти таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои илмии бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ-методологӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии таъмини амнияти озуқавориро тақвият медиҳанд.

Кори диссертатсионии тақризшаванда аз рӯйи муҳимият, мазмуну муҳтаво, гузориши масъалаҳо, усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳои назариявию методологӣ ва амалии бадастомада ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 67, 69-и “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он Ализода Олимҷон

Маҳмуд  арзандаи дараҷаи илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ,
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии  АИКТ          Пиризода Ҷ.С.

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
кӯчаи Ҳаёти нав 306/5
Тел.: (+992) 907 72 16 80
E-mail: jalil-22@mail.ru

Имзои Пиризода Ҷ.С-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои институт          Икромова М.Қ

Суроғаи муассиса:
Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
кӯчаи Ҳаёти нав 306
Тел.: (+992-37) 236 37 67
E-mail:  iesh.tashn@mail.ru

02 июни соли 2025